

Барномаи Иттиҳоди Аврупо «Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар рушд»

# ХУЛОСАИ МУХТАСАРИ ТАДҚИҚОТ ОИД БА «АРЗЁБИИ ЭҲТИЁҶОТ БА КАСБОМӮЗИИ ҶАВОНОНИ МАЪЛУЛ ДАР РОБИТА БО ТАҲЛИЛИ БОЗОРИ МАҲАЛЛИИ МЕҲНАТ»

## (ШАҲРҲОИ ДУШАНБЕ, ПАНҶАКЕНТ ВА НОҲИЯИ РАШТ)

Душанбе - 2018

МАБЛАҒГУЗОР - ИТТИҲОДИ АВРУПО

# ХУЛОСАИ МУХТАСАРИ

## ТАДҚИҚОТ ОИД БА "АРЗЁБИИ ЭҲТИЁҶОТ БА КАСБОМӮЗИИ ҶАВОНОНИ МАЪЛУЛ ДАР РОБИТА БО ТАҲЛИЛИ БОЗОРИ МАҲАЛЛИИ МЕҲНАТ"

## (ШАҲРҲОИ ДУШАНБЕ, ПАНҶАКЕНТ ВА НОҲИЯИ РАШТ)

***Таҳиягар:***
***Мутахассиси Бунёди дастгирии таҳсилот ва таълимоти касбӣ (ТТК) дар Тоҷикистон, Д. Ф. И., проф. Субхон Ашуров***

Душанбе - 2018

## *Муқаддима*

Ҳисоботи мазкур натиҷаи тадқиқоте аст, ки дар доираи лоиҳаи «Пешбурди тағйироти иҷтимоӣ ва омӯзиши касбии фарогир (инклюзивӣ)», ки аз тарафи ташкилотҳои ҷамъиятии маҳаллӣ дар ҳамкорӣ бо Намояндагии Институти ҳамкории байналмилалии Ассотсиатсияи донишгоҳҳои халқии Олмон (DVV International) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии молиявии Иттиҳоди Аврупо ва Вазорати федералии Олмон оид ба ҳамкории иқтисодӣ ва рушд амалӣ карда мешавад, гузаронида шудааст. Мақсади лоиҳаи мазкур- мусоидат ба рушди иҷтимоӣ, татбиқи ҳуқуқи ҷавонони маълул (ҶМ) ба омӯзиши касбӣ ва дастёбӣ ба касби шоиста ва мусоидату рушди таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон мебошад.

Гурӯҳи ҳадафии лоиҳа ҷавонони (синну солашон 15-29 солаи) дорои маълулият буда, минтақаи тадқиқоти мазкур - шаҳрҳои Душанбе ва Панҷакенту ноҳияи Рашт мебошад. Вазифаҳои тадқиқот - арзёбии ниёзҳои таълимии гурӯҳи ҳадаф(ӣ) дар робита бо таҳлили бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияҳои тадқиқотӣ бо мақсади муайян намудани на камтар аз 4 касби ҷавобгӯи манфиатҳо ва имкониятҳои гурӯҳҳои ҳадафӣ (аз як тараф) ва эҳтиёҷоти бахши маҳаллии шуғл (аз тарафи дигар), инчунин таҳияи тавсияҳо барои бартараф намудани монеаҳои мавҷуда дар дастёбӣ ба малакаҳои касбии ин табақаи ҷавонон буд.

Усулҳои таҳқиқот аз инҳо иборат буд: а) омӯзиши маводу ҳуҷҷатҳо; б) мусоҳибаҳо бо мутахассисони хадамоти шуғл ва корфармоёни асосӣ ва с) корҳои саҳроӣ оид ба мусоҳибаҳо бо гурӯҳҳои ҳадафӣ дар се минтақаи тадқиқот

(маълумоти миқдорӣ оид ба тадқиқот дар ҷадвали 1 оварда шудаанд).

**_Ҷадвали 1. Табақабандии мусоҳибон аз рӯи дараҷаи маълулият ва ҷинс дар ноҳияҳои тадқиқот (%)_**

| | Умуман, нафар | Маҳдудияти шунавоӣ | Маҳдудияти биноӣ | Маҳдудияти ҳаракат | Маҳдудияти ақлонӣ | Мард | Зан |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Душанбе | 120 | 29,2 | 18,3 | 27,5 | 25,0 | 51,7 | 48,3 |
| Панҷакент | 52 | 28,8 | 17,3 | 28,8 | 25,0 | 42,3 | 57,7 |
| Рашт | 40 | 32,5 | 17,5 | 32,5 | 17,5 | 55,0 | 45,0 |
| Ҳамагӣ: | 212 | 29,7 | 17,9 | 28,8 | 23,6 | 50,0 | 50,0 |

Дар натиҷаи омӯзиши маводу ҳуҷҷатҳо:

Дар заминаи маълумоти оморӣ, ҳисоботҳои мавҷудаи таҳлилӣ ва омӯзиши барномаҳои рушди ноҳияҳои тадқиқотӣ як ҳисоботи таҳлилӣ оид ба вазъи кунунӣ ва дурнамои бозорҳои маҳаллии меҳнат дар ноҳияҳои тадқиқот таҳия карда шуд.

Бо дастгирии шӯъбаҳои маҳаллии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ҶТ, рӯйхатҳои ҷойҳои кории ба бозорҳои меҳнатии ноҳияҳои тадқиқотӣ пешниҳоднамудаи корфармоён дар давраи солҳои 2013-2017, бо нишон додани нишондиҳандаҳои миқдории онҳо таҳия карда шуданд. Илова бар ин, ҳамчун натиҷаи пурсиши мутахассисони ин шӯъбаҳои маҳаллӣ дар ноҳияҳои тадқиқотӣ, рӯйхати ихтисосҳои касбҳои аз нуқтаи назари имконияти минбаъдаи аз ҳама натиҷаоварии кортаъминкунии гуруҳи

ҳадафӣ барои ҳар яке аз ноҳияҳои тадқиқотӣ тартиб дода шудаанд.

Баъзе хусусиятҳои кортаъминкунии нафарони дорои маълулият (НДМ) дар шароити душвори корёбӣ дар бозори меҳнат ҳам таҳлил карда шуданд, ки соҳаҳои афзалиятноки шуғл барои гурӯҳи ҳадафиро аниқу муайян мекарданд.

Дар асоси омӯзиши натиҷаҳои фаъолияти ҷомеаи касбӣ-педагогӣ ва амалияи мақомоти давлатӣ дар соҳаҳои маориф, шуғли аҳолӣ ва ҳифзи иҷтимоии кишварҳои ҳамсоя, як рӯйхати касбҳое тартиб дода шуд, ки аз рӯи онҳо таълими 4 табақаи зерини НДМ ба роҳ монда шудааст:

1. Барои нафарони дорои нуқсони шунавоӣ: шунавоии паст ва карн.
2. Барои нафарони дорои нуқсони биноӣ: биноии паст ва кӯрон.
3. Барои нафарони дорои дараҷаҳои гуногуни ихтилоли равонӣ.
4. Барои нафарони дорои маълулият аз бемориҳои умумӣ ва нуқсони системаи такягоҳ ва баҳаракатоваранда.

Инчунин рӯйхати касбҳое, ки дар марказҳои таълими калонсолони ноҳияҳои тадқиқшуда базаи таълимӣ доранд, таҳия карда шуд.

Бо дастгирии Хадамоти давлатии экспертизаи тиббӣ-иҷтимоии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рӯйхатҳои ҷавонони синни 15-29 солаи дорои маълулият дар ноҳияҳои тадқиқотӣ бо нишондоди намудҳои маълулияти онҳо тартиб дода шуданд.

Бо дарназардошти сатҳи эҳтимолии пасти огоҳии гурӯҳи ҳадафӣ оид ба интихоби дурусти касб ва бо мақсади таъмини интихоби беҳтари касби ояндаи худ аз тарафи мусоҳибон бо назардошти:

- қобилияти ҷисмонии НДМ вобаста аз намудҳои маълулият, ки аз тарафи мутахассисони касбҳои муйяншуда пешниҳод карда шуда буданд;
- эҳтиёҷоти бозорҳои меҳнати маҳаллӣ, бо дарназардошти имконияти бо кори мустақилона таъмин кардани гурӯҳи ҳадафӣ;
- баъзе хусусиятҳои бокортаъминкунии НДМ;
- имконоти таълимӣ-ташкилии марказҳои таълими калонсолон дар ноҳияҳои ҳадафӣ,

як рӯйхати касбҳо аз рӯи намудҳо/табақаҳои маъюбӣ таҳия шуданд.

Дар чорчӯбаи корҳои саҳрой/тадқиқотӣ, номгӯи эҳтиёҷоти бозорҳои маҳаллии меҳнат ва соҳаҳои шуғл тавассути мусоҳибаҳо бо мутахассисони хадамоти шуғл (шӯъбаҳои маҳаллии агентиҳои меҳнат ва шуғли аҳолӣ) ва кордиҳандагони асосӣ дар ҳар яке аз ноҳияҳои тадқиқотӣ пурратар карда шуданд. Илова бар ин, бо мақсади васеъ кардани соҳаи ҷустуҷӯи сарчашмаҳои шуғл, бо назардошти имкониятҳои маҳдуди ҷисмонии гурӯҳи ҳадафӣ, инчунин иқтидори эҳтимолан маҳдуди бахши кироя и соҳаи шуғл ҳангоми ҷустуҷӯи кори мувофиқ, диққати асосӣ ба таъмин бо намудҳои кори мустақилона ва ё намудҳои корҳои хонагӣ нигаронида шуда буд. Бо ин мақсад, дар ҳар яке аз шаҳру ноҳияҳои тадқиқотӣ тавассути мусоҳибаҳо бо намояндагони соҳаи савдо,

бозорҳои молу хизматрасониҳое ки нисбат ба онҳо талабот мавҷуд аст, омӯхта шуданд.

Пурсиши намояндагони гуруҳи ҳадафӣ тавассути саволномаҳо ба роҳ монда шуд. Вазифаҳои асосии пурсиш - муайян намудани рӯйхати касбҳои мавриди таваҷҷӯҳи намояндагони гурӯҳи ҳадафӣ, инчунин муайян намудани мушкилот ва монеаҳои посухгӯяндагон дар дастрасӣ ба таҳсилоти касбӣ ва малакаҳои касбӣ буданд.

***Натиҷаҳои тадқиқот.***

Аз нуқтаи назари таъминоти қувваи корӣ бо шуғл, аз ҷумла барои НДМ, дар миёни минтақаҳои тадқиқоти мазкур бозори аз ҳама мусоид - бозори меҳнат ва шуғли шаҳри Душанбе ба шумор меравад. Дар давраи миёни солҳои 2010-2016, шумораи умумии коргарони кирояи шаҳри Душанбе ба миқдори 18,3 ҳазор нафар афзуда буд, ки ин 35,8% афзоиши захираҳои меҳнатии шаҳрро ташкил медод. Дар айни замон, мавқеи соҳаҳои саноат, нақлиёт ва алоқа дар нишондиҳандаи шумораи умумии коргарони кироя рӯ ба коҳиш дошта, соли 2016 дар муқоиса бо соли 2010 баробари 2,0 ва 1,2 фоиз паст шуда буд. Мавқеи соҳаи сохтмон дар нишондиҳандаҳои шумораи умумии коргарони кироя дар ин давра баробари 30,7% афзуда, соли 2016 9,8%-ро ташкил дод. Дар маҷмӯъ, мавқеи бахши воқеии иқтисодиёт дар соҳаи таъмини қувваи корӣ бо шуғл тадриҷан паст рафта, соли 2016 25,1%-ро ташкил медод. Дар пасманзари ҳамаи ин, мавқеи бахши хизматрасонӣ дар нишондиҳандашои шумораи умумии коргарони кироя афзоиш ёфта истодааст. Дар давраи солҳои 2010-2016 ин нишондиҳанда баробари 4,1% афзуда, дар соли 2016 ба 74,9% расид. Ҳамин тариқ, ҷалбкунандагони асосии қувваи корӣ дар шаҳри Душанбе- бахшҳои хизматрасонӣ ва сохтмонӣ ба шумор меравaнд.

Таҳлили ҷойҳои холии корӣ, ки аз ҷониби корфармоён ба хадамоти шуғли аҳолӣ дода шудаст ва ҳам таҳлили соҳаҳои шуғл дар **шаҳри Душанбе** аз он шаҳодат медиҳанд, ки касбҳои аз ҳама зарууртар марбут ба соҳаи сохтмон (устоҳои обу корез, устои васли таҷҳизоти электрикӣ, андова ва рангуборчӣ, хиштчин, кафшергари газию баркӣ, мутахассисони кори оҳану бетон ва роҳсозон) ва бахши хизматрасонӣ (усто-таъмиргари таҷҳизоти маишӣ ва асбобҳои баркӣ ва электронӣ, пешхизмат, ошпаз-қаннод, дӯзанда, таъмиргари мошинҳои сабукрав, рассом-кандакори чӯб ва гач, коргарони хона, сартарош, ороишгари нохун (маникюр-педикюр), таъмиргари пойафзол, мебелсоз, суратгиру наққош, таъмиргари соат/ҳаккок) мебошанд.

**Панҷакент -** минтақаи кишоварзию саноатии ҷумҳурӣ мебошад. Табиат ва иқлими шаҳри Панҷакент барои рушди соҳаҳои асосии кишоварзӣ, аз ҷумла боғу токпарварӣ, парвариши растаниҳо ва чорводорӣ, ки асоси рушди кишоварзро ташкил медиҳанд, хеле мувофиқанд. Яке аз намунаҳои пешбари саноати шаҳр ин корхонаи муштараки “Зарафшон” мебошад, ки дар заминаи комбинати маъдани тиллои Тоҷикистон таъсис ёфта, фаъолияташро соли 1990 сар кардааст ва солона 1,600,000 тонна ҷинсҳои кӯҳиро коркард мекунад. Ҳиссаи соҳаи саноат ва сохтмон дар шумораи умумии коргарони кироя барои давраи солҳои 2010-2016, тақрибан 3.7%, соҳаи кишоварзӣ - 69,4% ва ҳиссаи бахши хизматрасонӣ - 26,9%-ро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, дар бахши шуғл/ корҳои кироя соҳаҳои кишоварзӣ ва хизматрасонӣ нақшҳои асосиро мебозанд. Ҳамзамон, шумораи соҳибкорони инфиродӣ рӯ ба афзоиш дорад ва 56%-и ин табақаи

соҳибкорони соҳаи расмии иқтисодиёт дар бахши хизматрасонӣ кор мекунанд.

Таҳлили ҷойҳои холии корӣ, ки аз ҷониби корфармоён ба хадамоти шуғли аҳолӣ дода шудаст ва ҳам таҳлили соҳаҳои шуғл дар шаҳри Панҷакент аз он шаҳодат медиҳанд, ки касбҳои аз ҳама зарууртар марбут ба соҳаи сохтмон (устоҳои обу корез, танзимгар/монтери барқ, андова ва рангуборчӣ, хиштчин устоҳои корҳои гуногун) ва бахши хизматрасонӣ (усто-таъмиргари таҷҳизоти маишӣ ва асбобҳои барқӣ ва электронӣ, устои таъмири компютер, ошпаз-қаннод, дӯзанда, рассом-кандакори чӯб ва гач, сартарош, таъмиргари пойафзол, мебелсоз, рассом-устои маснуоти зардӯзӣ) мебошанд.

**Рашт -** минтақаи аграрӣ маҳсуб мешавад. Рушди бахши кишоварзӣ на танҳо аз лиҳози иқтисодӣ, балки аз лиҳози ичтимоӣ низ муҳим аст, зеро 88,6%-и аҳолии ноҳия дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва 80,7%и захираҳои меҳнатии он маҳз дар ҳамин соҳа кор мекунанд. Ҳамзамон, дар соҳаи тиҷорати хурд ва миёна тақрибан 4 ҳазор нафар кор мекунанд ва 58 фоизи онҳо бо корҳои инфиродӣ/ мустақилона машғуланд. Дар бахши хизматрасонӣ, шуғли қувваи кориро асосан системаҳои маорифу тандурустӣ ва инчунин савдо таъмин мекунанд. Хулоса, қисматҳои асосии шуғлро дар бозори меҳнати ноҳияи Рашт бахши кишоварзӣ ва хизматрасонӣ (маориф, тандурустӣ ва тиҷорат) ташкил мекунанд.

Таҳлили ҷойҳои холии корӣ, ки аз ҷониби корфармоён ба хадамоти шуғли аҳолӣ дода шудаст ва ҳам таҳлили

соҳаҳои шуғл дар ноҳияи Рашт аз он шаҳодат медиҳанд, ки касбҳои аз ҳама зарууртар - кафшергари газию барқӣ, андова ва рангуборчӣ, устоҳои корҳои гуногуни сохтмонӣ, боғпарвар/ занбӯрпарвар, ошпаз, ошпаз-қаннод, сохтмончӣ- дуредгар (кандакории чӯб) ва дар бахши хизматрасонӣ бошад касбҳои усто-таъмиргари мошинҳои сабукрав, устои таъмири компютер, таъмиргари таҷҳизоти маишӣ ва асбобҳои барқӣ ва электронӣ, ошпаз-қаннод, дӯзанда, рассом-кандакори чӯб ва гач, сартарош, таъмиргари пойафзол, мебелсоз, рассом-устои маснуоти зардӯзӣ мебошанд.

Тадқиқот нишон медиҳад, ки саҳми ҳаҷми меҳнати кироя дар бозори меҳнат дар миқёси кишвар рӯ ба коҳиш дорад. Ин омил ба афзоиши табақаи коргарони инфиродӣ оварда расонидааст. Аз ҳамин сабаб натиҷаҳои "Тадқиқоти қувваи корӣ" аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи нафарони машғули корҳои инфиродӣ дар шумораи умумии кормандон дар давраи солҳои 2009-2016 аз 47.8%-и соли 2009-ум дар соли 2016 ба 65,2% афзудааст[1]. Дар робита ба ин, дар касбомӯзии НДМ бо мақсади бокортаъминкунии минбаъдаи онҳо тавсия дода мешавад, ки дар бахши хизматрасонӣ ба намудҳои фаъолияти инфиродӣ диққат дода шавад.

---

[1] Вазъ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ҳисобот оид ба натиҷаҳои тадқиқоти қувваи корӣ, ки аз 20-уми июл то 20 августи соли 2016 гузаронида шудааст) // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, соли 2017. Саҳ. 220.

Маҳдудиятҳое, ки вазъи тандурустии НДМ ба шуғли касбии онҳо мегузорад, рақобатпазирии қувваи кории онҳоро дар бозори меҳнат маҳдуд мекунад. Дар ин росто, ҷомеаи касбӣ-педагогӣ рӯйхати касбҳо ва корҳои барои НДМ мувофиқтарро таҳия карда истодааст. Ҳамзамон, ин рӯйхатҳо, чун қоида, аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар соҳаҳои маориф, ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ тасдиқ карда мешаванд. Тадқиқот нишон дод, ки чунин рӯйхатҳо дар Тоҷикистон ҳоло таҳия карда нашудаанд.

Дар асоси таҷрибаи мавҷудаи кишварҳои минтақа, дар чаҳорчӯбаи ин таҳқиқот, барои 4 табақаи НДМ як рӯйхати касбҳои аз ҳама мувофиқтар таҳия карда шудааст: барои нафарони дорои нуқсони шунавоӣ (шунавоии ноқис ва ношунавоии пурра/карон); нафарони дорои мушкилоти биноӣ (нобиноии пурра ва ё нопурра); нафарони дорои маълулияти ақлии дараҷаҳои гуногун ва нафарони дорои нуқсони системаи такягоҳ ва ҳаракат.

Муассисаҳои асосии таълимӣ оид ба касбомӯзии калонсолон дар ноҳияҳои ин тадқиқот – Муассисаи давлатии "Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон" (МТКТ) ва филиалҳои он мебошанд. Таҳлил нишон дод, ки дар ин муассисаҳои таълимӣ базаи барномавӣ ва моддию техникии таълимӣ, инчунин зарфияти кадрӣ/инсонӣ мавҷуд мебошанд. Ин муассисаҳо аз рӯи касбҳои зерин, ки ба онҳо дар бозорҳои меҳнати ноҳияҳои тадқиқот эҳтиёҷ ҳаст, барои татбиқи барномаҳои таълимӣ, иҷозатномаи дахлдори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро соҳибанд:

| | |
|---|---|
| Душанбе | таъмиргари асбобҳои маишӣ, таъмиргари таҷҳизоти электронӣ, таъмиргари телефонҳои мобилӣ, таъмиргари мошин, дӯзанда ва буришгар, зардӯз, кафшдӯз, коргари хона/хоҷагӣ, ошпаз, қаннод, пешхизмат, ороишгар (ороиш ва маникюр/педикюр), сартарош, кафшергари газию барқ, челонгар, рангуборчӣ ва андовачӣ, коргари корҳои бетонӣ, хиштчин. |
| Панҷакент | асосҳои кор бо компютер, муҳосиб, дӯзанда-буришгар, қолинбоф, ошпаз, қаннод, пешхизмат, сартарош, кафшергари газию барқӣ, устои барқ, хиштчин, устои обу корез, челонгар. |
| Рашт | Асосҳои кор бо компютер, муҳосиб, дӯзанда-буришгар, бофанда, ошпаз, қаннод, ороишгар (сартарош ва ороишгари нохун/маникюр/ педикюр), сохтмончӣ-дуредгар (кандакори чӯб), кафшергари барқӣ, таъмиргари мошин, боғбон/занбӯрпарвар. |

Мусоҳиба бо намояндагони гурӯҳи мавриди ҳадаф нишон дод, ки қариб чоряки пурсидашудагон дар Панҷакент (23,1%) ва ноҳияи Рашт (27,5%) тамоман ба мактаб нарафтаанд (ё мактаби ибтидоро хатм накардаанд). Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои тадқиқшуда 11,8 фоизро ташкил медиҳад. Қариб аз се як ҳиссаи пурсидашудагон

дар Панҷакент (30.8%) ва ноҳияи Рашт (32,5%) танҳо маълумоти ибтидоӣ (МИ) доранд, яъне 4-8 синфро хатм кардааанду синфи 9-ро не. Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои тадқиқот тақрибан 20,3% -ро ташкил медиҳад. 68,3% пурсидашудагон аз шаҳри Душанбе, 25% - аз Панҷакент ва 32,5% -и ноҳияи Рашт маълумоти умумии миёнаи нопурра (ММН, синфи 9) доранд. Ин нишондиҳанда барои ҳамаи ноҳияҳои тадқиқот умуман 50,9% -ро ташкил медиҳад. 13,3% пурсидашудагон аз шаҳри Душанбе, 15,4% - аз Панҷакент ва 7,5% - и ноҳияи Рашт маълумоти миёнаи пурра (ММП, синфи 11) доранд. Ин нишондиҳанда дар маҷмӯъ барои ноҳияҳои тадқиқоти мазкур 12,7 фоизро ташкил медиҳад. Қариб панҷяки пурсидашудагон аз шаҳрҳои Душанбе (5%) ва Панҷакент (5,8%) маълумоти ибтидоӣ ё миёнаи касбӣ (МИ ё МК) доштанд. Тадқиқот нишон дод, ки 77,8% ин гурӯҳи пурсидашудагон ҳангоми тадқиқот аз рӯи касби худ кор намекарданд ва хоҳиши аз худ кардани касби дигареро, ки дар бозори меҳнат ба он талабот ҳаст, доштанд.

Тадқиқот нишон дод, ки қариб панҷяки посухдиҳандагон (19,2%) оиладоранд, дар ҳоле, ки ин нишондиҳанда дар байни мардон (31,8%) нисбат ба занон зиёдтар аст. Бо вуҷуди ин, 84,6 фоизи посухдиҳандагон тазти сарпарастии волидон мебошанд. Ҳамзамон, 38,2% посухдиҳандагон вазъияти молиявии оилаҳои худро ҳамчун «камбизоат» баҳо доданд. Ин нишондиҳанда барои шаҳрҳои Душанбе ва Панҷакент, мутаносибан 35% ва 32,7% ва барои ноҳияи Рашт - 38,2%-ро ташкил медиҳад.

94,2% пурсидашудагон хоҳиши ёд гирифтани ягон касбро доранд, дар ҳоле ки 91,8% -и онҳо ин хоҳиши худро бо зарурати ба даст овардани маблағ барои аз ҷиҳати моддӣ таъмин кардани оилаҳояшон асоснок мекунанд. Ин нишондиҳанда дар байни мардон- 100% ва дар байни занон 90%-ро ташкил мекунад. Ба мусоҳибоне, ки изҳори хоҳиши касбомӯзӣ карданд саволи «Чаро шумо то ин вақт касб наомӯхтед?» дода шуд. онҳо «намедонист, 57,7%-и онҳо ҷавоб доданд, ки оид ба мавҷуд будани чунин имконият дар ноҳияҳои худ хабар надоштанд. 22,1%-и онҳо гуфтанд, ки "пештар онҳо ноболиғ буданд". 18.3%-и онҳо гуфтанд, ки пештар ба кору даромади онҳо эҳтиёҷ набуд ва 2.4%-и дигар қайд карданд, ки волидон ба онҳо имкон намедиҳанд, ки касберо омӯхта, ба кор дароянд.

Бояд қайд кард, ки 67,3% пурсидашудагон дар бораи ҳамаи имтиёзҳое, ки аз ҷониби давлат барои НДМ муқаррар шудаанд, иттилоот надоранд ва 86,5% посухгӯяндагон бошанд, дар бораи фаъолияти мақомоти маҳаллии давлатии шуғл оид ба квотаи ҷойҳои корӣ ва бокортаъминкунии маълулон маълумот налоранд. Дар айни замон, 94,2% пурсидашудагоне ки ба шуғл эҳтиёҷманданд, дар мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба шуғл ҳамчун бекорон ба қайд гирифта нашудаанд. Ин нишондиҳандаҳо қариб дар ҳама ноҳияҳои тадқиқоти мазкур баробаранд.

Таҳлили эҳтиёҷоти бозори меҳнат, имкониятҳои марказҳои таълими калонсолон ва афзалиятҳои намояндагони гурӯҳҳои ҳадафӣ оид ба интихоби касб

намудҳои зерини касбҳои заруриро барои омӯзиши гурӯҳи ҳадафӣ муайян намуд:

- Дар шаҳри Душанбе: усто-таъмиргари таҷҳизоти маишӣ ва асбобҳои барқӣ ва электронӣ, устои насб ва таъмири системаи таъминоти об ва канализатсия; устои ташхис ва таъмиру хизматрасониҳои техникии воситаҳои нақлиёт; устои таъмир ва дӯхтани фармоишии пойафзол, устои насбу таъмири мебел; устои истеҳсол ва таъмири либос тибқи фармоиш; мутахассиси рӯбучини манзилҳои истиқоматӣ, шустану дарзмол кардани либосу афзори ҷои хоб, ошпаз, устои пухтупаз, қаннод, рассом-устои гулдӯзӣ (-и маҳсулоти зардӯзӣ), дӯзандаи маҳсулоти гуногун, андовагар ва рангуборчӣ.

- Дар шаҳри Панҷакент: устои насб ва таъмири системаи таъминоти об ва канализатсия; устои насби шабакаи барқ дар биноҳои истиқоматӣ, кафшергари газию барқӣ, устои таъмир ва хизматрасониҳои техникии компютерҳо, усто-таъмиргари таҷҳизоти маишӣ ва асбобҳои барқӣ ва электронӣ, устои таъмир ва дӯхтани фармоишии пойафзол, устои корҳои гуногуни сохтмонӣ, ошпаз, устои пухтупаз, қаннод, рассом-устои гулдӯзӣ (-и маҳсулоти зардӯзӣ), устои истеҳсол ва таъмири либос тибқи фармоиш, дӯзандаи маҳсулоти гуногун.
- Дар ноҳияи Рашт: устои таъмир ва хизматрасониҳои техникии компютерҳо, кафшергари газию барқӣ, устои таъмир ва дӯхтани фармоишии пойафзол, устои насбу таъмири мебел, усто-таъмиргари таҷҳизоти маишӣ ва асбобҳои барқӣ ва электронӣ, сохтмончӣ-дуредгар (кандакори чӯб), устои истеҳсол

ва таъмири либос тибқи фармоиш, дӯзандаи маҳсулоти гуногун, устои пухтупаз, қаннод, рассом-устои гулдӯзӣ (-и маҳсулоти зардӯзӣ).

***Тавсияҳо***

Дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда, бо мақсади бартараф кардани мушкилоти муайяншуда ва монеаҳо дар дастёбӣ ба таъмини таҳсилоти касбӣ ва малакаҳои касбӣ барои НДМ, татбиқи чораҳои зерин тавсия карда мешавад:

– Таҳия ва татбиқи тадбирҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи огоҳии НДМ оид ба имконоти дастёбӣ ба таҳсилоти касбӣ ва малакаҳои касбӣ дар маҳалли зист ва оид ба сиёсати давлатӣ лар самти мусоидат ба шуғли маъюбон.
– Дастгирӣ намудани кӯшишҳои Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” (МТКТ) ва филиали он дар шаҳри Душанбе барои таъсис ва/ ё рушди инфрасохторе, ки ба таҳсили бароҳати НДМ имкон медиҳад, инчунин таҳияи базаи моддӣ-техникии таълимӣ, ва кадрӣ аз рӯи касбҳо (ихтисосҳо)-и зерин:
    - Усто- таъмиргари таҷҳизоти маишӣ ва асбобҳои барқиву электронӣ;
    - Устои насб ва таъмири системаи таъминоти об ва канализатсия;
    - Устои ташхис ва таъмиру хизматрасониҳои техникии воситаҳои нақлиёт;
    - Устои таъмир ва дӯхтани фармоишии пойафзол;
    - Устои насбу таъмири мебел;

- Устои истеҳсол ва таъмири либос тибқи фармоиш;
- Мутахассиси рӯбучини манзилҳои истиқоматӣ, шустану дарзмол кардани либосу афзори ҷои хоб;
- Ошпаз, устои пухтупаз, қаннод;
- Гулпарвар;
- Рассом-устои гулдӯзӣ (-и маҳсулоти зардӯзӣ);
- Дӯзандаи маҳсулоти гуногун;
- Андовагар ва рангуборчӣ.

– Дастгирӣ намудани кӯшишҳои МТКТ ва филиали он дар шаҳри Панҷакент барои таъсис ва/ ё рушди инфрасохторе, ки ба таҳсили бароҳати НДМ имкон медиҳад, инчунин таҳияи базаи моддӣ-техникии таълимӣ, ва кадрӣ аз рӯи касбҳо (ихтисосҳо)-и зерин:
  - Устои насб ва таъмири системаи таъминоти об ва канализатсия;
  - Устои насби шабакаи барқ дар биноҳои истиқоматӣ;
  - Кафшергари газию барқӣ;
  - Устои таъмир ва хизматрасониҳои техникии компютерҳо;
  - Усто-таъмиргари таҷҳизоти маишӣ ва асбобҳои барқӣ ва электронӣ;
  - Устои таъмир ва дӯхтани фармоишии пойафзол;
  - Устои корҳои гуногуни сохтмонӣ;
  - Ошпаз, устои пухтупаз, қаннод;
  - Занбӯрпарвар;
  - Гулпарвар;

- Ҷамъоварӣ ва тайёр намудани растаниҳои шифобахш;
- Рассом- устои гулдӯзӣ (-и маҳсулоти зардӯзӣ);
- Устои истеҳсол ва таъмири либос тибқи фармоиш;
- Дӯзандаи маҳсулоти гуногун.

– Дастгирӣ намудани кӯшишҳои МТКТ ва филиали он дар ноҳияи Рашт барои таъсис ва/ ё рушди инфрасохторе, ки ба таҳсили бароҳати НДМ имкон медиҳад, инчунин таҳияи базаи моддӣ-техникии таълимӣ, ва кадрӣ аз рӯи касбҳо (ихтисосҳо)-и зерин:

- Устои таъмир ва хизматрасониҳои техникии компютерҳо;
- Кафшергари газию барқӣ;
- Устои таъмир ва дӯхтани фармоишии пойафзол;
- Устои насбу таъмири мебел;
- Усто-таъмиргари таҷҳизоти маишӣ ва асбобҳои барқӣ ва электронӣ;
- Сохтмончӣ-дуредгар (кандакори чӯб);
- Устои истеҳсол ва таъмири либос тибқи фармоиш;
- Дӯзандаи маҳсулоти гуногун;
- Устои пухтупаз, қаннод;
- Занбӯрпарвар;
- Гулпарвар;
- Цветовод;
- Ҷамъоварӣ ва тайёр намудани растаниҳои шифобахш;
- Рассом-устои гулдӯзӣ (-и маҳсулоти зардӯзӣ).

– Бо назардошти эҳтиёҷоти соҳаҳои маҳаллии шуғл ноҳияҳои тадқиқоти мазкур ва намояндагони гурӯҳҳои ҳадафӣ ҳангоми амалӣ намудани тадбирҳо оид ба рушди НДМ ба касбҳои зерин диққат додан тавсия мешавад:
  - Усто-таъмиргари таҷҳизоти маишӣ ва асбобҳои барқӣ ва электронӣ;
  - Устои таъмир ва дӯхтани фармоишии пойафзол;
  - Устои истеҳсол ва таъмири либос тибқи фармоиш;
  - Ошпаз, устои пухтупаз, қаннод.

***Барои қайдҳо***

Нашрияи мазкур дар доираи лоиҳаи «Пешбурди тағйироти иҷтимоӣ ва омӯзиши касбии фарогир» бо мусоидати молии Иттиҳоди Аврупо ва Вазорати Федеролии Олмон оид ба ҳамкории иқтисодӣ ва рушд ба табъ расидааст.

Лоиҳа аз тарафи Намояндагии DVV International дар Тоҷикистон дар шарикӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ «Ассотсиатсияи таҳсилоти калонсолони Тоҷикистон» ва Созмони занони маъюб «Иштирок» амалӣ мешавад.

Мундариҷаи нашрия мояи масъулияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ «Ассотсиатсияи таҳсилоти калонсолони Тоҷикистон» буда, ифодагари нуқтаи назари маблағгузорон намебошад.

Иттиҳоди Аврупо аз 28 мамолики узв иборат аст, ки онон қарор доданд тадриҷан дониш, захира, ва тақдири хешро пайванданд. Ҳамроҳ таи 60 соли васеъшавӣ онҳо минтақаи устувор, демократӣ ва рушди бардавомро бунёд намуда, ҳамзамон гуногунияти фарҳангӣ, арзи таҳаммул ва кафолати озодии шахсиро нигоҳ доштанд. Иттиҳоди Аврупо омода аст муваффақиятҳо ва арзишҳояшро бо мамолик ва қавмиятҳои берун аз сарҳадоти хеш бо ҳам бубинад. Аз ин лиҳоз, Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон аз соли 1992 инҷониб фаъолият бурда, ҳамасола барои рушди мамлакат тақрибан 35 млн. евро фароҳам менамояд.